**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмии аввал ба рисолаи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991 - 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз руйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг. – Душанбе, 2024. – 179 с.**

Дар замони муосир осорхонаҳо ҳамчун муассисаҳои таърихӣ-фарҳангӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва оммавӣ-маърифатӣ шинохта шудаанд. Дар ин замина, нақши Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар ҷамъоварӣ, ҳифзу нагаҳдорӣ ва муаррифии таъриху фарҳанг, расму оин ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин нуқтаи назар, диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович ба яке аз мавзуъҳои муҳимми соҳаи осорхонашиносӣ, яъне фаъолияти экспозитсионӣ - намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, бахшида шудааст, ки он ба самти фарҳангшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси 24.00.01 - Назария ва таърихи фарҳанг комилан **мувофиқат менамояд.**

**Мубрамии мавзуи** интихобгардида дар он аст, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба фаъолияти экспозитсионӣ ва намоишии осорхонаҳо рисолаи алоҳидаи илмӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар диссертатсия фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон давоми солҳои 1991 - 2021 дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки чунин пажуҳишро метавон дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намуааст, ки "Дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи фарҳангӣ ва рушди бемайлони воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар радифи осорхонаҳои анъанавӣ пайдо шудану ба фаъолият шуруъ кардани осорхонаҳои маҷозӣ (виртуалӣ) ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи иттилоотӣ ба сифати объекти таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст" (Диссертатсия, с. 4).

Дар таҳқуқу омӯзиши фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳо аз осори илмии олимону муҳаққиқони рус ва тоҷик, аз ҷумла А.И. Михайловская, Б. Закс, Н. Кузнесов ва Н. Иличев, Э. Коган, А. Шарипов, З. Иброҳимов, М. Бойматов, Г. Нуров, Р.Д. Ҳисайнов, Ф. Шарифзода ба таври васеъ истифода шудааст. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи

номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи зикршуда андешаҳои олимони номбурдаро собит менамояд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ**, ки муаллиф дар натиҷаи омӯзишу пажуҳиш ба даст овардааст аз бандҳои зерин иборат мебошанд:

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз оид ба фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик диссертатсияи алоҳидаи илмӣ рӯйи кор наомадааст;
- масъалаҳои назариявии экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;
- муҳиммияти ороиши илмӣ-бадеии экспозитсияи осорхонавӣ аз нигоҳи тахассусӣ муайян гардидааст;
- роҳҳои асосии истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир дар фаъолияти экспозитсияи осорхонавӣ ба таври муҷаз муқаррар гардидааст;
- зарурати танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхона бо истифода аз дастурҳои илмии соҳавӣ дақиқ муайян карда шудааст;
- аҳамияти баргузории намоишҳои гуногуни осорхонавӣ дар муаррифии таъриху фарҳанги пурғановати халқи тоҷик дар такя ба намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки ин омил дар баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеа нақши бориз дорад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхона, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ –ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмиллалӣ дар самти фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхона, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои таҷдиди фаъолияти экспозитсионӣ – намоишӣ асос ёфтааст. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқотӣ муайян шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** қабл аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот, метавонад ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи фарҳанги халқи тоҷик, таҳия ва навиштани барномаву китобҳо барои донишҷӯёни макотиби олии соҳаи

осорхонашиносӣ ва таълими фанҳои тахассусии «Осорхонашиносӣ» ва «Таърих» мусоидат намоянд. Маводи диссертатсия метавонад дар банақшагирии бунёди осорхонаҳои наву замонавӣ, такмили толорҳои экспозитсионии осорхонаҳо, истифодаи дурусти технологияҳои муосир дар фаъолияти осорхонаҳо, инчунин ҷиҳати банамоишгузории нигораҳои осорхонавӣ кумаки илмӣ-амалӣ расонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Дар ҳар кадоме аз зербобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Муаллиф дар муқаддима роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмет) таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, сарчашмаи асосии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми фарҳангшиносӣ ва дар самти фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳо аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия "**Экспозитсия ва аҳамияти он дар фаъолияти осорхонаҳо**" унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар ин боби рисола муаллиф оид ба аҳамияти назариявии экспозитсияи осорхонавӣ, ороиши бадеӣ осорхона, истифодаи технологияи муосири коммуникатсионӣ дар фаъолияти осорхонавӣ ва зарурати танзими реҷаи

ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар экспозитсияи осорхонавиро дар асоси манобеи муътабари илмии олимони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу пажуҳиш қарор додааст.

Ба андешаи муаллиф "Экспозитсияи осорхона бо мақсадҳои муайян вобаста ба соҳаи фаъолияти осорхонаҳо созмон дода мешавад. Экспозитсияи осорхонаҳои таърихӣ ба васеъшавии донишҳои таърихӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат карда, дар тарбияи ахлоқӣ, сиёсӣ ва эстетикии наслҳои гуногуни ҷомеа, ки ба сифати тамошобин ба тамошои экспозитсияи осорхона меоянд, саҳмгузор мебошад" (диссертатсия, с. 19).

Воқеан, нақши экспозитсия ё намоишҳои осорхонавӣ дар баланд бардоштани ҳисси баланди миллии тамошобин ва арҷгузорӣ ба осори таърихию фарҳангии халқи тоҷик муҳим мебошад. Зеро тавассути ташкили намоишгоҳҳо дар осорхона дастовардҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик аз замонҳои қадим то имрӯз пешниҳоди тамошобинон гардонида мешаванд. Аз ин рӯ, муаллиф тарзи дурусти баргузории намоишҳои осорхонавӣ ва дигар вижагиҳои хосси онҳоро ба таври муфассал дар ин боби диссертатсия зикр намудааст.

Ҳамзамон, дар ин боби рисола танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Албатта, ин омил низ барои муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик тавассути ташкили экспозитсия ва намоишгоҳҳо нақши хело муҳим дорад. Зеро барои ҳифз ва муаррифии дурусти ҳар як экспонати дар экспозитсия буда, танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва равшанӣ тибқи меъёрҳои соҳавӣ амри зарурӣ мебошад. Муаллиф дар таълифи ин қисмати боби рисола ба мақсади ниҳоии хеш расидааст.

Боби дуюми рисола **"Муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ"** номгузорӣ шудааст. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи ин боби рисола масъалаҳои ҳифз ва муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷикро тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуда, онҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст:

- **Экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон инъикосгари таърихи фарҳанги халқи тоҷик.** Дар ин зербоб муаллиф нақши Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ва Осорхонаи миллии Тоҷикистонро дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик муҳим арзёбӣ намуда, аз таърихи ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти экспозитсионии осорхонаҳои мазкур дар замони соҳибистиқлолии кишвар дар асоси маводҳои илмии бойгонӣ мавриди таҳқиқ қарор

додааст.

- **Муҳиммияти ташкили намоишҳои осорхонавӣ, намудҳои он ва таърихи баргузории намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистон.** Дар ин зербоби рисола муаллиф доир ба намудҳои намоишҳои осорхонавӣ ва таърихи баргузории онҳо дар муқоиса бо Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Тибқи иттилои дар диссертатсия овардашуда, аксарияти намоишҳое, ки дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод баргузор гардидаанд, вобаста ба санъати тасвирӣ ва амалӣ бахшида шудаанд. Сабаби асосии онро муаллиф дар он медонад, ки толорҳои экспозитсионии осорхонаи мазкур ҳаҷман хело хурд буданд ва имконияти ҷой додани таҷҳизоти экспозитсионӣ дар онҳо набуд.

Вале пас аз ифтитоҳи бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон (20 марти соли 2013) фаъолияти экспозитсионӣ ва намоишииии осорхона ҷоннок гардида, дар он намоишҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баргузор гардидааст. Ҳамзамон, муаллиф зикр менамояд, ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо истифода аз ашё ва коллексияҳои фондии худ дар намоишҳои сайёри байналмилалӣ иштирок намуда, таъриху фарҳанг, расму оин ва анъанаҳои миллии халқи тоҷикро муаррифӣ намудааст.

Албатта, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки толорҳои экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо тамоми таҷҳизоти техникии замонавӣ (системаҳои гармидиҳӣ ва сардидиҳӣ дар тамоми сол, витринаҳои муосири замонавӣ, ширмаҳои идорашаванда ва ҳаракаткунанда, зермонҳо вобаста ба намуд ва сохти экспонатҳо) таъмин гардидааст.

- **Аҳаммияти баргузории намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозии (виртуалӣ) Осорхонаи миллии Тоҷикистон.** Ин зербоби рисола ба намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозии Осорхонаи миллии Тоҷикистон бахшида шудааст. Тавре, ки муаллиф зикр намудааст дар баробари экспозитсияи доимоамалкунандаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, инчунин, намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозӣ низ дар муаррифии шоистаи таъриху фарҳанги халқи тоҷик нақши бориз доранд. Дар давоми 30 соли фаъолияти Осорхонаи миллии Тоҷикистон зиёда аз 300 намоишҳои гуногуни осорхонавӣ (сайёр, байналмилалӣ ва маҷозӣ) баргузор гардидаанд, ки тавассути чунин намоишҳо таъриху тамаддун ва расму анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон муаррифӣ гардидаанд.

**Ҳамин тариқ,** аз натиҷаи рисолаи диссертатсионии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович бармеояд, ки ӯ тавонистааст фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистонро дар давоми 30 соли соҳибистиқлолии кишвар дар шакли рисолаи мукаммали илмӣ анҷом диҳад. Диссертатсияи мазкур дар оянда метавонад барои ходимони илмии осорхонаҳо ҳамчун роҳнамо ва дастури илмии соҳавӣ мавриди корбурд қарор гирад. Зеро дар рисола тамоми паҳлуҳои фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Албатта, дар рисолаи илмии Ҷалолов Б.Ф. дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, инчунин баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба андешаи моислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар муқаддимаи диссертатсия нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назари мо каме содда оварда шудаанд, ки онҳо такмил мехоҳанд.

2. Дар диссертатсия муаллиф аз дастурҳои таълимию методӣ барзиёд истифода намудааст ва ин муҳтавои илмии диссертатсияро коҳиш медиҳад.

3. Муаллиф ҳангоми таҳлили фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии осорхонаҳо таваҷҷуҳи асосиро ба Осорхонаи нави миллии Тоҷикистон равона намудааст, ки дар натиҷа Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ба номи Камолиддин Беҳзод қадре аз мадди назар дур мондааст.

4. Дар диссертатсия муаллиф бештар аз бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон истифода намуда, ба бойгонӣ ва ҳисоботҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир накардааст.

5. Дар кор хатогиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд, масалан дар саҳифаҳои 9, 34, 40, 45, 58, 68, 109, 158.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович ҳусни бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки диссертатсияи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи "Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)" ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои таърих, ҷонишини
директор оид ба корҳои илмӣ ва
таълимии Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши АМИТ Иброҳимов М.Ф.
07 майи соли 2024

Суроға: 734024, Ҷумхурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Гипрозем, бинои 1, ҳуҷраи 48
Тел: (+992) 987-38-48-76
E-mail: murodali_f@list.ru

Имзои Иброҳимов Муродалӣ
Файзалиевичро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи А. Дониш
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Файзулоева Г.Қ.

Суроға: 734025, Ҷумхурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телефон: (+992-37) 221-37-42
E-mail: itaijt51@mail.ru
07 майи соли 2024